# Дониёл 4



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.


ҲАНГОМИ АСОРАТ ДАР БОБИЛ, ДАР СОЛИ ЯКУМИ БАЛШАСАРИ ПОДШОҲИ БОБИЛ, ПАРВАРДИГОР БА ДОНИЁЛ РӮЪЁИ ПАЙҒАМБАРОНА ДОД.
«МАН ДАР БАҲРИ БУЗУРГ ТӮФОНРО ДИДАМ ВА ЧОР ҲАЙВОНИ КАЛОН АЗ БАҲР БЕРУН ОМАДАНД».
«ЯКУМИ ОНҲО МИСЛИ ШЕР БУД, ВАЛЕ БОЛҲОИ УҚОБРО ДОШТ».
«ҲАЙВОНИ ДИГАРИ ДУЮМ МИСЛИ ХИРС БУД ВА ДАР ДАҲОНИ ОН СЕ ДАНДОНИ АШКӢ БУД, ВА БА ОН ЧУНИН ГУФТАНД:...
БАРХЕЗ ВА ОДАМОНИ БИСЁРЕРО БИХӮР!
«ҲАЙВОНИ СЕЮМ, КИ ЧУН ПАЛАНГ БУД, ВА ЧОР БОЛ ВА ЧОР КАЛЛА ДОШТ».
«ВА ҚУДРАТИ БУЗУРГ БА ОН ДОДА ШУДА БУД».
Дониёл 7:1-6


«ҲАЙВОНИ ЧОРУМ, КИ АЗ БАҲР БАРОМАД, САҲМГИН ВА ДАҲШАТАНГЕЗ БУД.
«ВАЙ ҚУРБОНИЁНРО БО ДАНДОНҲОИ КАЛОНИ ОҲАНИН МЕХӮРД ВА ПОРА-ПОРА МЕКАРД, ВА БОҚИМОНДАРО БО ПОЙҲОАШ ПОЙМОЛ МЕНАМУД».
«ВА АЗ ҲАМАИ ҲАЙВОНҲОЕ КИ ПЕШ АЗ ВАЙ БУДАНД, ФАРҚ ДОШТ, ВА ШОХАШ ДАҲТО БУД».
«ЯК ШОХИ МАЙДАЕ БАРОМАД, ВА СЕ ШОХИ ПЕШТАРАРО РЕШАКАН КАРД».
«ИН ШОХ ЧАШМОНЕ ЧУН ЧАШМОНИ ОДАМ ВА ДАҲОНЕ ДОШТ, КИ ГУСТОХОНА СУХАН МЕРОНД».
«АТИҚУЛАЙЁМ НИШАСТА БУД – ҲАЗОРОН-ҲАЗОР БА ҲУЗУРИ Ӯ МЕИСТОДАНД»
«ЯКЕ ЧУН ПИСАРИ ОДАМ ТО АТИҚУЛАЙЁМ РАСИД, ВА БА Ӯ ҚУДРАТ ВА ҶАЛОЛ ВА ПОДШОҲӢ, БАР ҲАМАИ ҚАВМҲО, УММАТҲО ВА ЗАБОНҲО ДОДА ШУД».
«ҲУКМРОНИИ Ӯ ЗАВОЛ НАХОҲАД ЁФТ».
Дониёл 7:7-14


ДОНИЁЛ БА ЯКЕ АЗ ИСТОДАГОН НАЗДИК ШУД.
МАЪНОИ ҲАҚИҚИИ ИН РӮЪЁ ЧИСТ?
ИН ЧОР ҲАЙВОНИ КАЛОН ЧОР ПОДШОҲАНД, КИ АЗ ЗАМИН ХОҲАНД БАРХОСТ. [1]
АММО МУҚАДДАСОНИ ҲАҚҚИ ТАОЛО ҲУКМРОНИРО ХОҲАНД ПАЗИРУФТ, ВА ОНРО ТО АБАД ВА ТО АБАДУЛОБОД МЕРОС ХОҲАНД ГИРИФТ.
[1] БОБИЛ – ШЕР БО БОЛҲОИ УҚОБ, КИ ДАРОМАДГОҲИ ҚАСРИ ПОДШОҲРО ПОСБОНӢ МЕКУНАД. ХИРС МОД ВА ФОРСРО ИФОДА МЕКУНАД. ДАНДОНҲОИ АШК – ХАЛҚҲОИ ЗЕРДАСТШУДА. ПАЛАНГ МАЪНОИ ЮНОНРО ДОРАД – ИСКАНДАРИ БУЗУРГ ЧУН ЗАБТКУНАНДАИ БОСУРЪАТ МАШҲУР БУД. ЧОР САР ЧОР САРЛАШКАР МЕБОШАНД, КИ ПАС АЗ МАРГИ Ӯ ПОДШОҲИРО ТАҚСИМ КАРДАНД.
ИН ҲАЙВОНИ ЧОРУМ [2] – ДАВЛАТИ АБАРҚУДРАТИ ЧОРУМ АСТ – ВА ОН АЗ ДИГАРОН БЕРАҲМТАР ХОҲАД БУД.
ОН ТАМОМИ ЗАМИНРО ХОҲАД ХӮРД, ВА ОНРО ПОЙМОЛ НАМУДА, ПОРА-ПОРА ХОҲАД КАРД.
[2] ҲАЙВОНИ ЧОРУМ, КИ ДАНДОНҲОИ ОҲАНИН ДОРАД, ИМПЕРИЯИ РУМРО ИФОДА МЕКУНАД.
ДАҲ ШОХ ОНРО ИФОДА МЕКУНАНД, КИ АЗ ОН САЛТАНАТ ДАҲ ПОДШОҲ ХОҲАНД БАРХОСТ.
ВА ПОДШОҲИ ДИГАРИ ЗОЛИМТАР[3] ХОҲАД БАРХОСТ ВА СЕ ПОДШОҲРО САРНАГУН ХОҲАД КАРД, ВА СУХАНОН БАР ЗИДДИ ХУДО ХОҲАД ГУФТ, ВА МУҚАДДАСОНИ ӮРО МАЗЛУМ ХОҲАД КАРД
ХАЛҚИ ХУДО ДАР ДАВОМИ СЕЮНИМ СОЛ ЗЕРДАСТИ Ӯ ХОҲАД БУД.
[3] ЗИДДИМАСЕҲ, КИ АЗ ИМПЕРИЯИ ЭҲЁШУДАИ РУМ МЕБАРОЯД.
«АММО БАЪД АТИҚУЛАЙЁМ ДОВАРИИ ОДИЛОНАИ ХУДРО САР МЕКУНАД. Ӯ ҲУКМРОНИРО АЗ ДАСТИ ИН ПОДШОҲИ БЕРАҲМ КАШИДА ГИРИФТА, ӮРО НЕСТУ НОБУД ХОҲАНД КАРД».


«ПАС АЗ ДУ СОЛ МАН РӮЪЁИ ДИГАР ДИДАМ – ҚӮЧҚОРЕ КИ ДУ ШОХ ДОРАД, КИ ЯКЕ АЗ ДИГАРЕ БАЛАНДТАР БУД». [1]
«ҚӮЧҚОР ҲАР ЧИ МЕХОСТ, МЕКАРД ВА БУЗУРГ МЕШУД».
[1] МОД ВА ФОРС, КИ ДАР ОН ФОРС КАЛОНТАР ВА БУЗУРГТАР МЕШАВАД.
«ВА МАН НАЗАР МЕКАРДАМ, ВА ИНАК, НАРБУЗЕ АЗ ҒАРБ БАР РӮИ ТАМОМИ ЗАМИН МЕОЯД; ПОЙҲОЯШ БА ЗАМИН НАМЕРАСИД». [2]
«Ӯ БА ҚӮЧҚОР ҲАМЛА ОВАРД, ВА ЗАДА, ДУ ШОХИ ОНРО ШИКАСТ».
[2] БОСУРЪАТӢ ВА ҚУВВАИ ЛАШКАРИ ИСКАНДАР.
«ВА ҲАНГОМЕ КИ ПУРЗӮР ГАРДИД, ШОХИ КАЛОНАШ ШИКАСТ, ВА ДАР ҶОИ ОН ЧОР ШОХ ПАЙДО ШУД – ЯКЕ АЗ ОНҲО БОҚУВВАТ ШУД ВА ЗИДДИ ИСРОИЛ ҶАНГИД».
«ВА ОН ТО САРВАРИ ЛАШКАР БУЗУРГ ШУД, ВА ҚУРБОНИИ ДОИМӢ АЗ Ӯ ГИРИФТА ШУД, ВА МАКОНИ МУҚАДДАСИ Ӯ ТАРК КАРДА ШУД». [3]
[3] ИН ҲАМОН ВАҚТ ИҶРО ШУДАН ГИРИФТ, КИ АНТИОХ ЭПИФАН ҚУРБОНИИ ҲАРРӮЗАРО МАНЪ КАРД ВА ДАР МАЪБАД ХУКРО БА ҚУРБОНӢ ОВАРД, ВА ДАР ОН ҶО МУҶАССАМАИ ЮПИТЕРРО ГУЗОШТ.
БАЪД МАН ДУ ФАРИШТАИ МУҚАДДАСРО ШУНИДАМ, КИ БО ҲАМ ГУФТУГӮ ДОШТАНД.
ЧАНД ВАҚТ МЕГУЗАРАД, ПЕШ АЗ ОН КИ ҚУРБОНИИ ҲАРРӮЗА БАРҚАРОР КАРДА ШАВАД?
ВА КАЙ БАРОИ ХАРОБ КАРДАНИ МАЪБАД ҚАСОС ГИРИФТА МЕШАВАД ВА ХАЛҚИ ХУДО ТАНТАНА МЕКУНАД?
БОЯД ДУ ҲАЗОРУ СЕСАД РӮЗ ГУЗАРАД.


ВАҚТЕ КИ МАН МАЪНОИ ИН РӮЪЁРО МЕҶУСТАМ, ДАР РӮ БА РӮЯМ МАРДЕ НАМУДОР ШУД, – БА ҲАР ҲОЛ Ӯ ЧУН МАРД МЕТОФТ – ВА МАН ОВОЗИ ОДАМИРО ШУНИДАМ.
ЭЙ ҶАБРОИЛ! БА ВАЙ ИН РӮЪЁРО ФАҲМОН.
МАН ҲАРОСОН ШУДА, БАР РӮИ ХУД АФТОДАМ.
МАН МАДҲУШ БУДАМ; ВАЛЕ Ӯ БА МАН ДАСТ РАСОНД ВА БА ПО ХЕЗОНД.
ИН РӮЪЁ БА РӮЗҲОИ ОХИРИ ҒАЗАБ ДАХЛ ДОРАД.
ҚӮЧҚОРИ СОҲИБИ ДУ ШОХ, КИ ТУ ДИДАЙ, ПОДШОҲОНИ МОД ВА ФОРС МЕБОШАНД.
ВА ШОХИ НАРБУЗ, КИ ДАР ҶОЯШ ЧОРТОИ ДИГАР БАРОМАД, ИН ЯЪНЕ АЗ ОН ХАЛҚ ЧОР ПОДШОҲӢ БАРПО МЕШАВАНД, ВАЛЕ ҚУВВАТАШОН ЧУН ҚУВВАТИ Ӯ НАМЕШАВАД. [1]
БИДОН, КИ ОН ЧИ ДАР РӮЪЁ ДИДӢ, ТО ВАҚТЕ КИ ЗАМОНИ ОХИР ФАРО НАРАСАД, РӮЙ НАМЕДИҲАД.
[1] ИСКАНДАРИ БУЗУРГ. ПАС АЗ МАРГИ Ӯ ЧОР САРЛАШКАРИ Ӯ БАР ЧОР ҚИСМИ ИМПЕРИЯИ ЮНОНӢ ПОДШОҲ ШУДАНД.
Дониёл 8:15-22


«ВА ДАР ОХИРИ ҲУКМРОНИИ ОНҲО ПОДШОҲИ БЕШАРМ ВА ДАСИСАКОРЕ ХОҲАД БАРХОСТ».
«ҚУВВАТИ Ӯ НА АЗ ХУДАШ, БАЛКИ АЗ ШАЙТОН ХОҲАД БУД». [1]
[1] ИБТИДОИ ИҶРОШАВИИ ИН ПЕШГӮӢ АНТИОХ ЭПИФАН БУД, КИ ТИМСОЛИ ЗИДДИМАСЕҲ БУД, ВА ИҶРОШАВИИ МИНБАЪДАИ ИН – ХУДИ ЗИДДИМАСЕҲ АСТ (ВАҲӢ 13:1-10).
“Ӯ ДАР ДАСИСАКОРӢ МУВАФФАҚИЯТ БА ДАСТ МЕОВАРАД, ВА БИСЁР КАСОНРО ҒОФИЛГИР КАРДА, МАҒЛУБ МЕНАМОЯД, ЗЕРО ОНҲО БЕҲУДА ГУМОН ДОШТАНД, КИ ДАР БЕХАТАРӢ ҲАСТАНД. Ӯ ОНҲОРО БЕ ОГОҲ КАРДАН НОБУД МЕНАМОЯД”.
“Ӯ ДАР ДИЛИ ХУД МАҒРУР МЕШАВАД ВА БАР ЗИДДИ САРВАРИ САРВАРОН БАРМЕХЕЗАД, АММО БО ДАСТИ ХУДО ШИКАСТ МЕХӮРАД, АГАРЧИ ҲЕҶ ИНСОНЕ ӮРО МАҒЛУБ КАРДА НАМЕТАВОНИСТ,” [2]
[2] АНТИОХ АЗ АҚЛ БЕГОНА ВА ШИКАМДАРД ШУДА МУРД. ЗИДДИМАСЕҲ ВА ҚУВВАҲОИ Ӯ ҲАНГОМИ МУҲОРИБАИ ҲАРМИҶИДУН МАҒЛУБ КАРДА МЕШАВАД. (ВАҲӢ 19:11-21)
«ВА БАЪД ДАР РӮЪЁИ ХУД ТУ ШУНИДӢ , КИ ПЕШ АЗ ПОК КАРДА ШУДАНИ ҚУДС БОЯД ДУ ҲАЗОРУ СЕСАД РӮЗ ГУЗАРАД». [3]
[3] ИН АЙНАН ИҶРО ШУД. ТАЪҚИБОТИ АНТИОХ ЭПИФАН АЗ 6-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 171 ПЕШ АЗ МИЛОД ТО 25-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 165 ПЕШ АЗ МИЛОД БУД. ПАС АЗ ОН КИ ЯҲУДОИ МАККАБӢ МАЪБАДРО ПОК КАРД, ЯҲУДИЁН ИДИ ҲАНУКАРО ҶАШН МЕГИРИФТАНД.
МАН МУЗТАРИБ ШУДА, ЯКЧАНД РӮЗ БЕМОР ХОБИДАМ.
БАЪД БО КОРҲОИ ПОДШОҲ МАШҒУЛ ШУДАМ; ВА АЗ РӮЪЁ ДАР ҲАЙРАТ БУДАМ, ВАЛЕ КАСЕ ИНРО ПАЙ НАБУРД.


ДАР СОЛИ АВВАЛИ ДОРЁВЕШ МАН АЗ КИТОБИ ПАЙҒАМБАР ИРМИЁ ФАҲМИДАМ, КИ УРШАЛИМ 70 СОЛ ДАР ХАРОБӢ ХОҲАД БУД. [1]
МАН АЗ ХУДО ИЛТИҶО НАМУДАМ, КИ АСОРАТИ МОРО БА ОХИР РАСОНАД ВА МОРО БА САРЗАМИНАМОН БАРГАРДОНАД.
[1] ИРМИЁ 25:11-12, 29:10
МАН РӮЗА ГИРИФТА ДУО ГУФТАМ …
ЭЙ ПАРВАРДИГОР, ХУДОИ БУЗУРГ ВА САҲМГИН, КИ ПАЙМОН ВА МАРҲАМАТРО БА ДӮСТДОРОНИ ХУД ВА БА РИОЯКУНАНДАГОНИ ФАРМУДАҲОИ ХУД НИГОҲ МЕДОРӢ.
МО ГУНОҲ КАРДАЕМ ВА АЗ ДАСТУРҲОИ ТУ РӮЙ ГАРДОНДАЕМ – БА ПАЙҒАМБАРОНИ ТУ ГӮШ НАДОДАЕМ.
ПАРВАРДИГОР ХУДОИ МО ДОРОИ РАҲМ ВА ОМУРЗИШҲОСТ, ГАРЧАНДЕ КИ БА Ӯ ОСӢ ШУДАЕМ.
ЛАЪНАТ ВА САВГАНДЕ КИ ДАР ТАВРОТИ МУСОИ БАНДАИ ХУДО НАВИШТА ШУДААСТ, БАР МО РЕХТА ШУД.
АГАРЧИ МО ПЕШИ Ӯ ГУНОҲ КАРДАЕМ, АЗ РӮИ МАРҲАМАТИ ФАРОВОНИ ТУ БИГУЗОР ХАШМУ ҒАЗАБАТ АЗ УРШАЛИМ ДУР ШАВАД.
ПАРВАРДИГОРО! БА ХОТИРИ ХУДАТ МОРО БУБАХШ, ЗЕРО КИ ШАҲРИ ТУ ВА ҚАВМИ ТУ БА НОМИ ТУ ХОНДА ШУДААНД.






Дониёл 9:20-25


«ПАС АЗ 434 СОЛ МАСЕҲ КУШТА МЕШАВАД [1], ПОДШОҲИИ Ӯ ҲАНӮЗ БАРПО НАХОҲАД ШУД … ВА ПОДШОҲЕ БАРМЕХЕЗАД, КИ ЛАШКАРИ Ӯ ШАҲР ВА МАЪБАДРО ХАРОБ МЕКУНАД». [2]
[1] БА САЛИБ КАШИДА ШУДАНИ ИСОИ МАСЕҲ.
[2] ДАР СОЛИ 70-УМИ МИЛОДӢ ТИТУС МАЪБАДИ УРШАЛИМРО ВАЙРОН КАРД ВА ЯК МИЛЛИОН ЯҲУДИРО КУШТ, ВА ИН ҚИСМАН ИҶРО ШУДАНИ ПЕШГӮӢ БУД.
«ВАЛЕ ОХИРИ Ӯ ЗУД ФАРО ХОҲАД РАСИД: ҶАНГҲО ТО ОХИР ДАВОМ ХОҲАНД КАРД».
«ИН ПОДШОҲ АҲДРО БО МАРДУМИ БИСЁР ЯК ҲАФТСОЛА МУСТАҲКАМ МЕКУНАД, АММО ДАР НИСФИ ИН ҲАФТСОЛА ҚУРБОНИЮ ҲАДИЯОВАРИИ ЯҲУДИЁНРО БАРҲАМ МЕДИҲАД – ВА ҚУДСИ ХУДОРО НОПОК МЕКУНАД». [3]
[3] ЗИДДИМАСЕҲ – ИҶРОИ МИНБАЪДАИ ПАЙҒАМБАРӢ АСТ. Ӯ АҲД БО ЯҲУДИЁНРО ВАЙРОН КАРДА, МАЪБАДРО НОПОК МЕНАМОЯД, ДАР ОН ҶО ҲАЙКАЛИ ХУДРО БАРОИ ПАРАСТИШ МЕГУЗОРАД. (ВАҲӢ 13:14-18)
Дониёл 9:24-27
«АММО ДАР ВАҚТИ МУҚАРРАРШУДА ДОВАРИИ Ӯ БАР ИН НОПОК ФУРӮ ХОҲАД РЕХТ». [4]
[4] БО ОМАДАНИ ДУЮМИ ХУД, ИСОИ МАСЕҲ, ЗИДДИМАСЕҲ ВА ЛАШКАРИ ӮРО НОБУД МЕКУНАД. (ВАҲӢ 19:11-21)


ДАР СОЛИ СЕЮМИ ПОДШОҲИИ КУРУШ ДОНИЁЛ РӮЪЁИ ДИГАРЕ ДАР БОРАИ МУСИБАТИ БУЗУРГ ДИД.
«МАН СЕ ҲАФТА МОТАМ ГИРИФТАМ: МАЙ НАНӮШИДАМ ВА ГӮШТ НАХӮРДАМ; ШУСТУШӮЙ НАКАРДАМ ВА РИШ НАГИРИФТАМ».
«ДАР СОҲИЛИ ДАРЁИ БУЗУРГИ ДАҶЛА МАН ШАХСЕРО ДИДАМ, ҶОМАИ КАТОН ДАР БАР, ВА КАМАРБАНДЕ АЗ ТИЛЛО БАР КАМАР ДОШТ. ЧЕҲРААШ МИСЛИ БАРҚИ ДУРАХШОН БУД. ОВОЗИ Ӯ МИСЛИ ОДАМОНИ БИСЁР БУД, КИ ДАР ЯК ВАҚТ ГАП МЕЗАДА БОШАНД». [1]
[1] ТИМСОЛИ ЗОҲИРШАВИИ ИСОИ МАСЕҲ.
«ИН РӮЪЁРО ТАНҲО МАН ДИДАМ, АММО КАСОНЕРО, КИ БО МАН БУДАНД, ЛАРЗАИ АЗИМЕ ФАРО ГИРИФТ, ВА ОНҲО ПИНҲОН ШУДАНД».
«МАҶОЛАМ НАМОНД, ВА РАНГИ РӮЯМ КАНД, ВА МАН ТАМОМАН БЕҚУВВАТ ГАШТАМ».
«БАЪД Ӯ БА МАН ГАП ЗАД, ВА МАН ДАР ҲОЛАТИ МАДҲУШӢ РӮЙНОКӢ АФТОДАМ».
АААAХҲҲ...
АММО Ӯ БА МАН ДАСТ РАСОНД ВА МАРО БАР ЗОНУҲОЯМ БАРХЕЗОНД.
ЭЙ ДОНИЁЛ, МАРДИ ДИЛПИСАНД! СУХАНОНЕРО, КИ БА ТУ МЕГӮЯМ, БО ДИҚҚАТ ГӮШ КУН.
Дониёл 10:1-11




Дониёл 10:12-21


«ДАР СОЛИ ЯКУМИ ДОРЁВЕШИ МОД ФИРИСТОДА ШУДА БУДАМ, ТО КИ ӮРО ТАҚВИЯТ ВА ДАСТГИРӢ НАМОЯМ – ВА АЛҲОЛ ОН ЧИРО, КИ ДАР ОЯНДА РӮЙ МЕДИҲАД, БА ТУ МЕГӮЯМ».
«БОЗ СЕ ПОДШОҲ ДАР ФОРС ҲУКМРОНӢ ХОҲАНД КАРД, ВА ПАС АЗ ОН ЧОРУМИН БО ДАВЛАТИ ХУД ҚАВӢ ГАРДИДА, ҲАМАРО БА МУҚОБИЛИ ПОДШОҲИ ЮНОН БА ПО ХОҲАД БАРХЕЗОНД». [1]
[1] ХАШИЁРШОИ I (486–465 ТО МИЛОД), КИ БАР ЗИДДИ ЮНОН ҲУҶУМИ ФАРОГИР БА АМАЛ ОВАРД.
«ВА ДАР ЮНОН ПОДШОҲИ ПУРИҚТИДОРЕ ХОҲАД БАРХОСТ, КИ БАР ПОДШОҲИИ АЗИМЕ ҲУКМРОНӢ ХОҲАД КАРД, ВА БА ҲАМАИ НАҚШАҲОЯШРО АМАЛӢ ХОҲАД КАРД. АММО БАЪД ПОДШОҲИЯШ БА ЧОР ДАВЛАТИ СУСТ ТАҚСИМ ХОҲАД ШУД». [2]
[2] ИСКАНДАРИ БУЗУРГ – ПОДШОҲИИ Ӯ БАЙНИ ЧОР САРЛАШКАРИ Ӯ ТАҚСИМ КАРДА МЕШАВАД.
«ПАС АЗ ЧОР СОЛ ИТТИҲОД БАРПО МЕШАВАД, ҲАНГОМЕ ДУХТАРИ ПОДШОҲИ МИСР ЗАНИ ПОДШОҲИ СУРИЯ МЕШАВАД». [3]
[3] ДАР СОЛИ 252 ТО МИЛОД ПТОЛОМЕЙИ II, ПОДШОҲИ МИСР, ДУХТАРАШРО БА АНТИОХИ II – ПОДШОҲИ СУРИЯ ДОД, ТО КИ БАЙНИ ДУ ДАВЛАТ МУОҲИДАИ СУЛҲ БОШАД.
«АММО ҲАНГОМЕ БАРОДАРИ БЕРНИКО БА ТАХТИ МИСР НИШАСТ, БАР ЗИДДИ СУРИЯ ЛАШКАР КАШИДА, ОНҲО МАҒЛУБ КАРД». [4]
[4] БАРОДАРИ БЕРНИКО, ПТОЛЕМЕЙИ III (СОЛҲОИ 242-222 ТО МИЛОД), СУРИЯРО ЗАБТ НАМУД.
Дониёл 11:1-7


«ПОДШОҲИ СУРИЯ БА МУДДАТИ КӮТОҲ МИСРРО ЗАБТ МЕКУНАД ВА БОЗ БА ЗАМИНҲОИ ХУД БАРМЕГАРДАД». [1]
[1] ПОДШОҲИ СУРИЯ СЕЛЕВКИ II.
«БАЪД ПОДШОҲИ МИСР БО ХАШМУ ҒАЗАБ ЗИДДИ ЛАШКАРИ СЕРШУМОРИ СУРИЯ БАРХЕСТА, ОНРО ЗАБТ МЕКУНАД». [2]
[2] ПТОЛЕМЕЙИ IV ФИЛОПАТОР (223 – 203 ТО МИЛОД) ЛАШКАРИ АНТИОХИ III БУЗУРГРО ТОРУМОР МЕКУНАД.
«ПАС АЗ ЯКЧАНД СОЛ ПОДШОҲИ СУРИЯ БО ЛАШКАРИ ТАВОНОТАР БАРМЕГАРДАД, ВА ДИГАР ХАЛҚҲО БА ҲУҶУМИ Ӯ БАР ЗИДДИ МИСР ҲАМРОҲ МЕШАВАНД».
«Ӯ ҲАМЧУНИН БА ЗАМИНИ ДИЛПИСАНД (ИСРОИЛ) ВОРИД МЕШАВАД ВА ОНРО ҒОРАТ МЕКУНАД». [3]
[3] ПАС АЗ 13 СОЛ АНТИОХИ III БО ЛАШКАРИ СЕРШУМОР БАРГАШТА, МИСРРО МАҒЛУБ МЕКУНАД.
«ИН НАҚШАИ Ӯ БАРОИ ТОБЕЪ НАМУДАНИ ТАМОМИ МИСР ХОҲАД БУД – Ӯ ДУХТАРИ ХУДРО БА ПОДШОҲИ МИСР БА ЗАНӢ МЕДИҲАД, ТО КИ ВАЙ АЗ ДАРУНИ ДАВЛАТ БАРОИ Ӯ КОР КУНАД».
«АММО ИН НАҚША АМАЛ НАМЕКУНАД». [4]
[4] АНТИОХ, ФИШОРРО АЗ ҶОНИБИ РУМ ҲИС КАРДА, ПЕШНИҲОД НАМУД ДУХТАРАШ КЛЕОПАТРАРО БА ПТОЛЕМЕЙИ V БА ЗАНӢ ДИҲАД, ВА УМЕДВОР БУД, КИ ВАЙ БАРОИ ЗАБТ НАМУДАНИ МИСР БА Ӯ ЁРӢ МЕДИҲАД. АММО КЛЕОПАТРА ҶОНИБДОРИ ШАВҲАРАШ ШУД.


«ПАС АЗ ИН Ӯ ДИҚҚАТИ ХУДРО БА ШАҲРҲОИ СОҲИЛӢ РАВОНА КАРДА, БИСЁРИИ ОНҲОРО ТОБЕЪ МЕКУНАД, АММО САРЛАШКАРЕ ӮРО БОЗМЕДОРАД ВА МАҶБУР МЕКУНАД, КИ ШАРМАНДАВОР АҚИБ НИШИНАД». [1]
[1] САРЛАШКАР ЛУСИЙ СКИПИОНИ ОСИЁӢ АНТИОХИ III-РО МАҒЛУБ КАРД, ВА Ӯ ДАР РОҲ БА СӮИ ХОНА Ӯ КУШТА ШУД.
«ВОРИСИ Ӯ АНДОЗҒУНДОРЕРО БА ИСРОИЛ МЕФИРИСТАД, АММО ПАС АЗ ЯКЧАНД СОЛ Ӯ БА ТАВРИ ПУРАСРОР МЕМИРАД – НА ДАР МУҲОРИБА, НА ДАР ВАҚТИ ШӮРИШ». [2]
[2] СЕЛЕВКИ IV ФИЛОПАТОР АНДОЗҲОИ БАЛАНД МУҚАРРАР НАМУД, ТО КИ БА РУМ ХИРОҶ СУПОРАД, АММО КУШТА ШУД, ЭҲТИМОЛ, БА Ӯ ЗАҲР ДОДАНД.
«ПАС АЗ Ӯ ШАХСИ МАНФУРЕ БА САРИ ҲОКИМИЯТ МЕОЯД, КИ ТАМОМИ ДАВЛАТРО БА ВОСИТАИ ТАМАЛЛУҚ ВА ДАСИСАҲО БА ДАСТ МЕГИРАД».
«Ӯ ҚАЛЪАҲОИ МУСТАҲКАМРО БА ДАСТ МЕОВАРАД, АММО ФАҚАТ МУДДАТИ КӮТОҲЕ ДАР САРИ ҲОКИМИЯТ ХОҲАД БУД». [3]
[3] АНТИОХ ЭПИФАНИ IV.
«ПОДШОҲОНИ ШИМОЛ ВА ҶАНУБ ДАР САРИ МИЗИ ГУФТУШУНИД ЗИДДИ ЯКДИГАР ДАСИСАҲО ХОҲАНД АНДЕШИДА, ЯКДИГАРРО ФИРЕБ ДОДАНӢ МЕШАВАНД». [4]
«АММО ИН АҲАМИЯТЕ НАДОРАД, ЗЕРО ҲЕҶ ЧИЗ ПЕШ АЗ МӮҲЛАТИ МУҚАРРАРКАРДАИ ХУДО РӮЙ ДОДА НАМЕТАВОНАД».
[4] ПТОЛЕМЕЙИ МИСРӢ ВА АНТИОХ ДАР САРИ МИЗИ ГУФТУШУНИД БА ЯКДИГАР ДУРӮҒ МЕГУФТАНД, ВА БАЪД ДУ ҲОКИМИ МИСРӢ МУТТАҲИД ШУДАНД, ТО БА НАҚШАҲОИ АНТИОХ ХАЛАЛ РАСОНАНД.
Дониёл 11:18-24


«ДАР ВАҚТИ МУҚАРРАРШУДА Ӯ БОЗ БА ҶАНУБ МЕРАВАД, АММО КИШТИҲО АЗ СОҲИЛҲОИ ҒАРБӢ ӮРО МАҶБУР МЕКУНАНД, КИ АҚИБ НИШИНАД ВА БА ХОНА БАРГАРАД». [1]
[1] ФЛОТИ РУМ МИСРРО ТАРАФДОРӢ НАМУД, ВА АНТИОХ ХАШМИ ХУДРО БАР УРШАЛИМ ФУРӮ РЕХТ.
«ПОДШОҲИ ШИМОЛӢ АЗ АҚИБНИШИНӢ ДАР ҒАЗАБ ШУДА, УРШАЛИМРО ҒОРАТ МЕКУНАД ВА ҚУДСРО НОПОК МЕГАРДОНАД». [2]
[2] АНТИОХ БА МАЪБАД ЗАРБА ЗАД ВА НИЗОМИ ҚУРБОНИОВАРИРО ВАЙРОН КАРД, 80 000КАСРО КУШТ, 40 000 КАСРО АСИР ГИРИФТ ВА 40 000 КАСРО БА ҒУЛОМӢ ФУРӮХТ.
«Ӯ ДАР САРИ ҲОКИМИЯТ ЯҲУДИЁНИ БЕХУДОРО МЕГУЗОРАД – ОДАМОНЕРО, КИ АЗ ИМОНИ ПАДАРОНИ ХУД ДАСТ КАШИДААНД. АММО КАСОНЕ КИ ХУДОИ ХУДРО МЕШИНОХТАНД, ҚАВӢ БУДА, КОРҲОИ БУЗУРГ МЕКАРДАНД». [3]
[3] ЯҲУДИЁНИ МУРОСОКОРРО АНТИОХ ФИРЕБ ДОД, АММО ЯҲУДИЁНЕ КИ БА ХУДО ВАФОДОР МОНДАНД, БО РОҲБАРИИ ЯҲУДОИ МАККАБӢ МУВАФФАҚИЯТ ПАЙДО НАМУДАНД.
ҲУДУДИ ЗАМОНӢ АКНУН БА ОЯНДА МЕГУЗАРАД – БА ЗАМОНҲОИ ОХИР ВА БА ПОДШОҲЕ КИ ХУДРО БОЛОБАРДОР МЕКУНАД.
ПОДШОҲ БО ХОСТИ ХУД АМАЛ ХОҲАД КАРД, ВА ХУДРО АЗ ҲАР ХУДО БУЗУРГТАР ХОҲАД ДОНИСТ, ВА ДАР ҲАҚҚИ ХУДОИ ХУДОЁН КУФР ХОҲАД ГУФТ – ТО ЯК МУДДАТИ МУАЙЯН.
Дониёл 11:29-36



https://subspla.sh/y2p768z




Дониёл 12:4-10


«ВАЛЕ БАДКИРДОРОН БА БАДКИРДОРӢ МАШҒУЛ МЕШАВАНД, ВА ҲЕҶ КАДОМИ ОНҲО ФАҲМ НАМЕКУНАНД».
Casino
Live girls
PEEP
GIRLS
GIRLS
«ТАНҲО КАСОНЕ КИ ФАҲМИДАН МЕХОҲАНД, ХОҲАНД ФАҲМИД».
«АЗ ЗАМОНИ БОТИЛ КАРДАНИ ҚУРБОНИИ ДОИМӢ ВА ГУЗОШТАНИ ҚАБОҲАТИ ХАРОБКУНАНДА ҲАЗОРУ ДУСАДУ НАВАД РӮЗ МЕГУЗАРАД». [1]
[1] ҲАЙКАЛИ ЗИДДИМАСЕҲ ДАР МАЪБАДИ ЯҲУДИЁН.
ХУШО КАСЕ КИ ИНТИЗОРӢ БИКАШАД ВА БА ҲАЗОРУ СЕСАДУ СИВУ ПАНҶ РӮЗ БИРАСАД! [2]
[2] 45 РӮЗ ФАРҚ – ЭҲТИМОЛ, ДАВРАИ ГУЗАРИШ БАЙНИ ЗАМОНИ БАДБАХТИҲО ВА ИБТИДОИ ПОДШОҲИИ ҲАЗОРСОЛАИ ИСОИ МАСЕҲ АСТ.
«ВАЛЕ ТУ ТО ОХИРИ УМРАТ АМИН БОШ, ВА БАЪД ФАРОҒАТ МЕКУНӢ».
«ВА ДАР ОХИРЗАМОН БАРОИ ГИРИФТАНИ НАСИБАИ ХУД БАРМЕХЕЗӢ».
Дониёл 12:10-13

"THE BIBLE EXPLAINED IN EVERY LANGUAGE."













# SUPERBIBLE.TV